# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мутобиқат менамояд. Аз мухтавои рисола, масъалагузории бобҳо ва зербобҳо, таҳлилу баррасиҳои илмии рисола бармеояд, ки диссертатсия ба яке аз масоили мубрами фалсафӣ, масоили афкори ахлоқӣ бахшида шудааст. Зикри ин нуқта муҳим аст, ки баррасии масоили ахлоқ яке аз бахшҳои муҳимми фалсафа буда, дар шиносномаи дигар ихтисосҳои фалсафӣ, аз ҷумла таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи дин ва диншиносӣ, антропологияи фалсафӣ ва фалсафаи фарҳанг ихтисосҳои муҷовир дониста шуда ба масоили зиёди илмии мубрам ва баҳсталаб равшанӣ меандозад.

Аз ин рӯ, рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Ислоҳоту дигаргунсозиҳои куллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва рушди демократӣ бо раванди фаъоли башардӯстӣ ва эҳёи маънавию ахлоқии ҷомеа пайванди ногусастанӣ дорад. Бо назардошти ин раванд, дар ҷаҳони муосир омӯзиши афкори фалсафӣ аҳамияти махсусан калон пайдо намудааст, зеро вазифаи асосии он омухтани фарҳанги фалсафии замони гузашта мебошад, ки аз арзишҳои баланди ахлоқӣ, инсондустӣ ва умумибашарӣ бой аст. Дар робита ба ин масъала диссертант дуруст қайд менамояд, ки « Бо назардошти суръат гирифтани глобализатсия ва нуфузи фарҳанги ҷаҳонӣ, ки бо худ паёмадҳои манфие чун тарғиби зӯроварӣ, коҳиши арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ ва беэътиноӣ ба меҳвари маънавияти инсон меоранд, зарурати таълиму тарбияи маърифатӣ боз ҳам афзун мегардад». (саҳ.3.дисс)

Аҳамияти омӯзиши афкори ахлоқӣ дар таърихи фалсафа ба зарурати дарки рушди афкори ахлоқӣ, таъсири он ба ахлоқу арзишҳои муосир вобаста аст. Таҳқиқу баррасии он барои таҳлили равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инчунин барои аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маънавӣ асоснок кардани кирдорҳои мо аҳамияти калон дорад. Зеро тарбияи ахлоқӣ қисми асосии системаи тарбияи ҷавононро ташкил медиҳад. Мутафаккирон ва ҳакимони тоҷику форс ин мавзуъро хеле васеъ дар асарҳои худ инъикос намудаанд. Дар робита ба ин

таҳқиқи афкори ахлоқии яке аз мутафаккирони барҷастаи асрҳои X-XI-и тоҷику форс Абурайҳони Берунӣ, ки чун бузургмутафаккири беҳамтои афкори илмӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ, олими энсиклопедисти асримиёнагӣ шинохта шудааст ва дар тарғиби анъанаҳои миллӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик беназир пазируфта шудааст амри зарурӣ ва саривақтист. Ба андешаи диссертант “зарурати омӯзиши андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ба он вобаста аст, ки дар фазои иҷтимоии Тоҷикистон имрӯз ниёз ба боло бурдани сатҳи маънавиёт ва ахлоқи шаҳрвандон, бахусус, ҷавонон, беш аз пеш эҳсос мегардад». (саҳ.5. дисс)

Таҳқиқи масоили марбут ба ахлоқ ва фазилатҳои маънавии инсон дар замони муосир аз ҳарвақта дида мубрамияти тоза касб менамояд. Раванди глобализатсионӣ, ки айни замон ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст, таъсири худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мерасонад. Таъсироти раванди мазкурро дар самти ҳаёти маънавӣ бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Ба маънии дигар, гирдоби равандҳои глобализатсионӣ беш аз ҳарвақта дида, масъалаҳои ахлоқӣ ва арзишҳои олитарини инсониро ба мушкилотҳои зиёд дучор намудааст. Қисмати зиёди ҷадидаҳое, ки ҳар лаҳза дар фарҳанги муосири башарӣ ва ҳаёти рӯзмарраи инсоният рӯйи кор меоянд, боиси заволи фазилатҳои ахлоқӣ шуда, сабабгори сар задани мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ мегарданд. Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини ахлоқӣ, таълимоти ахлоқии мутафаккирони соҳибандеша, муайян намудани арзиши афкори онҳо барои тарбияи насли муосир аз аҳаммият холӣ буда наметавонад. Ин ва дигар масъалаҳои номбаргардида мубрамии мавзуи таҳқиқотро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсияи тақризшаванда навгониҳои илман асоснок пешниҳод шудаанд, ки аз муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, бо мақсади гузошташуда тавъам мебошанд. Воқеан, диссертант бори аввал дар таърихи фалсафаи ватанӣ консепсияи ахлоқиро дар осори Абурайҳони Берунӣ таҳқиқ намуда, махсусиятҳои онро ошкор кардааст.

Таҳқиқоти мазкур, ки ба таҳлили афкори ахлоқии Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ яке аз чеҳраҳои шаҳири асримиёнагии тоҷику форс, ки дар охири асри X ва аввали асри XI дар ҳавзаи илмӣ-адабии Хоразм бахшида шудааст, воқеан дар муҳити илмии Тоҷикистон кушиши нахустини муаррифии афкори ахлоқии ин мутафаккир ба шумор меравад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, пеш аз ҳама, аз муносибати методологии ӯ ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда бармеояд. Муаллифи диссертатсия дар заминаи таҳлили системавӣ афкори ахлоқии Абурайҳони Беруниро ҳамчун падидаи пешбарандаи низоми ахлоқии ҷомеа ва заминаи асосии камолоти ахлоқии инсон муаррифӣ намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар раванди таҳияи диссертатсия муаллиф аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, осори Абурайҳон Берунӣ ва таҳқиқоти анҷомшуда истифода намуда, вазифаҳои гузоштаашударо иҷро ва хулосаҳои асоснок пешниҳод намудааст. Дар диссертатсияи мазкур пай дар пайии андешаҳо доир ба мавзуи интихобгардида, далеловарӣ, сохтори мантиқии пажӯҳиш, миқёси васеи андешаҳои ахлоқии таҳлилгардида ва ба таври дуруст интихоб шудани методҳои илмӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аз сатҳу сифати таҳқиқоти анҷомёфта шаҳодат медиҳанд. Дар кори илмии муаллиф методҳои таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, системавӣ, муқоисавӣ ва муқобала истифода бурда шудаанд. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот низ, пеш аз ҳама, тавассути методҳои истифодабурдаи диссертант асоснок карда мешавад. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ мувофиқ ба талаботи муқарраршуда пешниҳод гардида, арзиши амалӣ доштани кори диссертатсиониро собит менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар ҳаҷми 180 саҳифаи компютерӣ иборат буда, тибқи талаботи Дастурамали таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ таҳия гардидааст.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи коркард, робитаи мавзуъ бо барномаҳои илмӣ, инчунин, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар қисмати муқаддима коркард гардидаанд. Бахшҳои зикргардида ҳамоҳанг ва бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта, мувофиқ ба талаботҳои илмӣ таҳия шудаанд. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва мантиқан пайваст намудани масъалаҳои мазкур қобили таҳсин мебошад. Ин амали муаллифи диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ мавриди коркард қарор бигирад.

Усулҳои умумимантиқӣ, таърихӣ-фалсафӣ, аксиологӣ, муқоисавӣ ва ғайра асоси методологии диссертатсияро ташкил менамоянд. Диссертант бо истифода аз методҳои мазкур равиши дурусти таҳқиқро роҳандозӣ ва хулосаҳои мантиқиро пешниҳод карда, ба ҳадафи гузоштаи худ расидааст.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ»** номгузорӣ шуда, диссертант онро дар доираи ду зербоб: шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ; сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ таҳлилу баррасӣ нмуда хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намудааст. Зербоби аввали боби якуми диссертатсия ба шарҳи вазъи иҷтимоию сиёсии давраи ҳаёт ва фаъолияти Абурайҳони Берунӣ бахшида шудааст, ки давраи забткориҳои арабҳоро фарогир аст. Диссертант ба он назар аст, ки «дар асрҳои X–XI, ки ба давраи ҳаёт ва

фаъолияти Абурайҳони Берунӣ рост меояд, илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ба сатҳи нав баромаданд ва Осиёи Миёна ба яке аз марказҳои муҳими инкишофи илм табдил ёфт. Дар муҳити илмии он замон риёзиёт, ситорашиносӣ, ҷуғрофия, табиатшиносӣ, кимиё, фалсафа, ахлоқ ва тиб бо суръати бесобиқа рушд мекарданд. Ин шароити илмӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии мутафаккирони бузург, аз ҷумла, Берунӣ, нақши ҳалкунанда дошт». (саҳ 39. дисс)

Таҳлили зербоби мазкур нишон медиҳад, ки давраи ҳаёти Абурайҳони Беруниро баррасӣ намуда, муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки дар он давра бисёр олимони барҷаста кору зиндагӣ намуда, соҳаҳои гуногуни илмро инкишоф дода, тадқиқотҳои пояиро ба ҷо овардаанд, ки чун таҳкурсии асосии пайдоиши асарҳои барҷаста дар соҳаҳои гуногуни илмҳо хизмат намудаанд.

Зимни баррасии зербоби дуюм таҳти унвони «Сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ» диссертант аз методологияи дурусти илмӣ истифода намуда, доири сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии мутафаккир маълумоти муфассал додааст. Шуруъ аз ақоиди фалсафӣ ва муқарраароти динии зардуштӣ, фарҳанги юнонӣ, афкори фалсафии Афлотун ва Арасту, Эпикур, фалсафаи равоқиён (стоитсизм) ва навафлотуния (навафлотунияи сурёнӣ ва юнонӣ), то ақоиди Монӣ, муътазилия, қадария, ашъария ва ҳамзамон ақидаҳои табиатшиносии мутафаккирони асрҳои миёна аз ҷониби диссертант ба сифати сарчашмаҳои ғоявӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи «Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ”** бахшида шуда, он низ дар доираи ду зербоб таҳлилу баррасӣ гардидааст. Зербобҳои боби дуюм бо ҳамдигар алоқаманд таҳия гардида, ҳамдигарро пурра менамоянд. Аз ҷумла, «Ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» дар зербоби якуми боби мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, муаллиф хулосаҳои худро бо истинод аз далелҳои таърихии ҳаёт ва осори илмиву фалсафӣ ва ахлоқии мутафаккир пешниҳод менамояд, ки ҷолиби диққат мебошад. Дар зербоби мазкур муҳаққиқ кушиш ба харҷ додааст, ки бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои мавҷуда ҳаёту зиндагии саршор аз саргардониҳои мутафаккирро, осори илмии гуногунҷабҳаи ӯро ва саҳми Берунӣ дар рушди улуми гуногуни замонашро таҳлилу таҳқиқ намудааст, ки арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам болотар менамояд. Доири мероси илмии Абурайҳони Берунӣ диссертант ба он назар аст, ки «ӯ бахшида ба тамоми соҳаҳои асосии илм, аз ҷумла риёзиёт, ситорашиносӣ, ҷуғрофия, фалсафаи табиӣ, маъданшиносӣ, фармакология, таърих, этнография, хронология, филология ва ғайра 143 рисола иншо кардааст. Бо иштироки Берунӣ бисёр асарҳо офарида шудаанд. Баъзе осори нодири Берунӣ то ба мо нарасидааст». (саҳ 67. дисс)

Зербоби дуюми боби дуюми рисола тахти унвони «Ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ" номгузорӣ шуда, дар он вижагиҳои масоили ахлоқии ҷаҳонбинии мутафаккир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант то ҳадде кушиш намудааст, ки фазилатҳои ахлоқиро, ки дар осори Абурайҳони Берунӣ чун аъмоли хайр ва неки инсон баррасӣ гардидаанд, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳад. Ҳамзамон назари интиқодии мутафаккирро доири разолат, яъне аъмоли зишти инсонӣ, ки тамоми ин сифатҳо дар ниҳоди шахс аз ҷаҳолату нодонӣ ва дур мондан аз маърифати волои инсонӣ падид меоянд, таҳқиқ намудааст.

Тибқи назари диссертант, инсондустӣ асоси афкори фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣро ташкил менамояд. Чунончи муҳаққиқ қайд менамояд «Яке аз ҷиҳатҳои амики системаи фалсафии Берунӣ равияи инсонмеҳваронаи андешаҳои ӯ мебошад. Тамоми муҳокимаҳои ахлоқии ӯ дар доираи арзишҳои инсонгароёна ҷойгир мешаванд. Аз нигоҳи ӯ, инсон новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, маншаи табақавӣ, миллат ва дини худ волотарин намунаи офариниши табиат ба шумор меравад. Ӯ инсонро ҳамчун маркази системаи ахлоқӣ ва объекти ниҳоии таҳқиқи фалсафа мешиносад». (саҳ 104. дисс)

**Боби сеюми диссертатсия «Нақши ақидаҳои фалсафӣ – ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон»** номгузорӣ шудааст ва дар ин бахш диссертант кушиш ба харҷ додааст, ки дар ду зербоб масоили ҷойгоҳи фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ва аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣро барои замони муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳад. Зербоби якуми боби сеюм ба таҳлил ва баррасии масъалаи «Фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир» бахшида шудааст ва ба назари диссертант «омӯзиш ва пажӯҳиши осори Берунии бузург нишон медиҳад, ки мутафаккир сарчашмаи ҳама аъмоли наҷиб ва ҳама зиштҳои нафрати инсонро дар муборизаи оштинопазири нафс (ҳавасҳо, лаззатҳо ва ақл дидааст». (саҳ 111. дисс)

Дар ин зербоб мафҳумҳои умумии рафтори шоиста, аз қабили мурувват, саховатмандӣ, баробарӣ, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, некӣ, адолат, покдоманӣ, боодобӣ, бегуноҳӣ, саховатмандӣ, хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ, адолат, сабру таҳаммул, хоксорӣ ва ҳамзамон мафҳумҳои умумии рафтори манфӣ, чун бадӣ, хиёнат, зӯроварӣ, азоб, зулм, ситам, майпарастӣ, ғурур, ҳасад, бухл, адоват, душманӣ, хашм, кина, дурӯғ, тамаъ, пурхӯрӣ, қасди бад, нияти бад дар таълимоти ахлоқии Абурайҳони Берунӣ аз ҷониби диссертант бо такя ба осори илмии мутафаккир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин диссертант андешаҳои мутафаккирро дар бораи фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ баён намуда, назари худро дар шакли таҳлил, муқоиса ва баҳогузорӣ иброз менамояд, ки аз мустақилияти фикрии ӯ дарак медиҳад.

Зербоби охири рисолаи номзадӣ таҳти унвони ««Аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ барои замони муосир» номгузорӣ шудаву масоили мушкилоти ахлоқии ҷомеаи муосирро фарогир буда, дар он арзиши афкори ахлоқии мутафаккир баҳри бартараф кардани мушкилоти ахлоқии ҷаҳони муосир, бахусус Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Диссертант бамаврид таъкид менамояд, ки пандҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ метавонад ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли нав ва тамоми ҷомеа истифода гардад. Гарчанде ки мо дар асри XXI зиндагӣ дорем ва аз муҳити асримиёнагӣ ба куллӣ фарқ мекунем, аммо масоили марбут ба нафси инсон ва идоракунии он тавассути ақл то ҳол муҳим боқӣ мондаанд. Омӯхтани усулҳое, ки Берунӣ барои тарбияи ахлоқӣ ва шаклгирии хислатҳои нек пешниҳод намудааст, имрӯз низ метавонад самаранок истифода шавад.

Хулосаи диссертатсия аз 9 банд иборат буда аз мазмуну муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, ҷавобгӯ ба талаботи илмӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия аз таҳлилу баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ ва пажӯҳиши маҷмуии ноҷуриҳои ахлоқии замони муосир, бахусус дар байни ҷавонон иборат аст. Ин тарзи баррасии масъала на танҳо имкон медиҳад, ки мушкилоти асосии ахлоқии ҷомеаи муосир ошкор карда шаванд, балки механизмҳои самараноки бартараф кардану пешгирӣ намудани мушкилоти ахлоқӣ пешниҳод гарданд. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, этика, иҷтимоиёт, фарҳангшиносӣ, таърих ва ғайра истифода кард. Ҳамзамон омузишу таҳқиқ ва баррасии масоили ахлоқӣ, тарғиби ахлоқи ҳамида дар ҷомеа аҳамияти зиёди иҷтимоӣ дошта, натоиҷи таҳқиқи диссертатсияи мазкур низ аз чунин арзиш холӣ нест.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаб дар 10 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки аз ин миқдор 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ нашр шудаанд. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ маърӯза гардидаанд. Ҳамзамон 5 мақолаи илмии муаллиф дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шуданд. Аз миқдори умумии маколаҳои нашршуда ва маърӯзаҳои қироатнамудаи довталаб, ки 10 мақолаи илмӣ аст, 8 мақола ба мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб бо риояи талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия»-ро, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №3 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, мӯҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар такриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлои ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Аз овардани иқтибосот дар рисола ва руйхати адабиёти истифодашуда бармеояд, ки муаллиф аз осори таҳқиқиқотӣ зиёд истифода бурдааст, вале муносибати худро ба аксарияти онҳо ошкор наменамояд. Яъне, муаллифи диссертатсия ба андешаи кадом муҳаққиқ розӣ ҳаст ва нисбати кадомашон назари интиқодӣ дорад, маълум нест;
2. Аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии диссертатсия ва масъалагузориҳову таҳлилҳои илмии он аз ҷониби муаллиф мавзуи таҳқиқотӣ пурра ба ихтисоси интихобнамуда мувофиқ аст, шояд бо сабабҳои техникӣ, ки дар диссертатсия ва ҳам дар автореферати диссертатсия рамзи ихтисос ғалат нишон дода шудааст. Масалан дар диссертатсия рамзи ихтисос дуруст аст вале номи ихтисос ғалат нишон дода шудааст;
3. Дар тартиби овардани иқтибосот на ҳамеша талаботи стандарт ва меъёрҳои амалкунанда ба назар гирифта шудааст. Дар диссертатсия бештари маврид дар сархатҳои (абзац) пайдарпай иқтибосот беягон шарҳу тавзеҳи масъала ва таҳлилу хулоса оварда шудааст, ки чунин тарзи нигоришот ҷанбаи методологии таҳқиқро коста менамояд;
4. Дар диссертатсия бештар маврид сарчашмаҳо, бахусус осори Абурайҳони Берунӣ дар шакли шикаста, яъне кутоҳкардашуда оварда шудааст. Масалан: «Китоб-ус-сайдана» - Сайидона, «Таҳқиқ мо-лил-ҳинд» - Ҳиндустон ва ғ. Дар шакли номгузории дурусту мукаммал нишон додани сарчашмаҳо ва осори илмӣ аз манфиат холӣ нест;
5. Дар рисола мустақилияти хулосабарориҳо нисбати масоили таҳқиқшаванда аз ҷониби унвонҷӯ кам ба назар мерасад. Хуб

мешуд, ки ҳадди ақал дар ҷамъбасти ҳар як зербоб хулосаи муҳаққиқ ба таври возеҳ оварда мешуд;

6. Масъалаи дигаре, ки муаллифи диссертатсия ба он ба таври шоиста эътибор надодааст, мавриди таҳлилу барраси қарор надодани муқоисаи афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ бо дигар мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс мебошад. Ба назари мо, агар диссертант дар асоси таҳқиқоти солҳои охир анҷомёфта дар рисола чунин таҳлили муқоисавиро ба роҳ мемонд, натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳе ба даст меовард.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Мирзоев Сухроб Сулаймоновичро бештар мегардонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ», ки аз рӯйи ихтисоси 09.00.05-илми ахлоқ пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 09.00.05-илми ахлоқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои фалсафа, и.в.профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Умедов Мастон Ҳамдамович**

**«08» январи соли 2026**

***Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н.Махсум, бинои 105/5, хуҷраи 68.Тел.: (+992) 933013100***
***E-mail: komron-j@mail.ru***

**Имзои Умедов М. Ҳ. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

**Суроғаи муассиса**: *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс:227-15-10 E-mail: info@tnu.tj*

*«09» январи соли 2026*